**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ**

Мавзуи таҳқиқоти илмии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович ба ҳалли масъалаи муҳимми илмҳои психологӣ-педагогӣ – фароҳам овардани шароитҳо баҳри инкишофи худшуурнокӣ ва худтарбиякунии наврасон тавассути гуманизатсияи раванди таъсири байниҳамдигарии онҳо бахшида шудааст. Муаллиф барои ҳалли муаммои гуманизатсияи муносибатҳои байниҳамдигарии наврасон таи солҳои зиёд инҷониб самаранок машғул шуда, ниҳоят ба анҷом додани корҳои арзишнок муяссар гаштааст.

Аз ҷиҳати иҷтимоию психологӣ таҳқиқ намудани раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ масъалаи муҳим ба шумор меравад. Зеро ки ташаккулёбии муносибатҳои инсонгароёна нисбат ба дигар одамон тавассути фаъолияти пешбарандаи ин зинаи синнусолӣ – муошират дар системаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ба амал меояд ва ҷиҳати такмилёбии пурраи мавқеъгириҳои ҳаётӣ, тақвияти худинкишофдиҳӣ ва худфаъолнамоӣ мусоидати фаъол дорад. Иҷтимоишавии шахс дар раванди гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсии наврасон муҳим арзёбӣ гардида, гуманизм чун ҷузъи таркибии муҳимми ҳаёту фаъолияти одамон дар ташаккули шахсияти худшиносу фаъол, мустақилу масъулиятшинос, қобил ба пайдокунии маънии ҳаёт мавқеи калон дорад.

Гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ муаммои мубрами иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ маҳсуб меёбад, ки таҳқиқи онро бо истифодаи раҳёфти байнифаннӣ амалӣ намудан муҳим мебошад ва муттаҳидкунии муносибатҳоро дар самти гуманизатсияи кӯдак дарбар мегирад. Пеш аз ҳама, диққатро ба генезиси механизмҳои воридшавии бачаҳо чун субъектҳои муносибат дар раванди гуманизатсияи ҳамкорӣ ҷалб намудан ҷолиб аст.

Чуноне таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар шароитҳои муосири рушди ҷомеа, ҳангоми таълим ва тарбияи наслҳои наврас ташаккулёбии шахс ба нақшаи пеш мебароят, зеро маҳз шахсияти комил метавонад арзишҳои умумиинсониро чун арзишҳои шахсии худ қабул намояд ва амалу рафтори худро дар доираи меъёри инсондӯстӣ танзим кунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки давраи мусоиди он синни наврасӣ эътироф гаштааст, муаммои мубрами инсоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва махсусан психологӣ ба шумор меравад.

Кори таҳқиқотӣ ба ҳалли муаммоҳои калидии ташаккулёбии худшуурнокии наврасон бо воситаи беҳтар гардонидани таъсири байниҳамдигарии фаъоли онҳо бо муҳити иҷтимоӣ равона шудааст, ки дар шароитҳои тез тағйирёбандаи қаринаи иҷтимоӣ махсусан мубрам мебошад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот намоён аст, чуноне амалияи иҷтимоӣ ва таҳсилот дар наврасон ташаккул додани арзишҳои гуманистӣ ва маҳорати созишкорона дар ҷомеа ба якдигар таъсир расониданро талаб мекунад. Синни наврасӣ барои инкишофи худшуурнокӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ давраи бӯҳронӣ ба шумор меравад ва таҳқиқот дар ин соҳа баҳри бунёди амсилаҳои самарабахш барои иҷтимоишавии ҷавонон мусоидат менамояд.

Мавзуи мавриди таҳқиқ қароргирифта барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон ниҳоят муҳим шуморида мешавад, зеро ҷиҳати ҳалли мушкилоту муаммоҳои таъсири байниҳамдигарӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ, муошират ва нақшҳои иҷтимоӣ, масъалаи инкишофи ҳаматарафаи наврасон саҳмгузор аст. Муҳаққиқ зимни баррасии масъала маводҳои назариявию мувофиқро таҳлилу коркард намуда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили корҳои муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ низоми таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсиро дар синни наврасӣ муайян кардааст.

Дар мундариҷаи кор фикри шахсии муҳаққиқ бамаврид омадааст, ки ин аз бевосита ворид будани ӯ ба моҳияти аслии масъала ва кӯшиши дарёфти роҳҳои ҳалли дурусти он шаҳодат медиҳад.

Исмоилов Шокирҷон Ғуломович таҳқиқи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро бо истифодаи раҳёфтҳои байнифаннӣ амалӣ гардонида, ҳамгироии муносибатҳоро дар самти гуманизатсияи ҳаёти наврас муҳим шуморидааст, ки қобилияти ташкилотчигии ӯро ифода мекунад. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъро дар таҳқиқотҳои олимон баррасӣ карда, зарурияти амалисозии муносибати ҳамгироёнаро ҷиҳати муайянкунии механизмҳои ҳамкориҳои байнишахсӣ нишон додааст.

Муаллиф вазифаҳои асосии механизмҳои психологиро ҳамгироии кӯшишҳои инфиродӣ дар фаъолияти якҷоя шуморидааст. Дар заминаи таҳлили назариявӣ муайян кардааст, ки механизми ибтидоӣ ва бунёдии психологии муносибатҳои байнишахсӣ ин аз ҷониби субъектҳо интериорзатсия шудани муносибатҳои вобастагии масъулиятнок мебошад. Таҳқиқоти эмпирикӣ барои ошкор сохтани шароитҳое имкон додааст, ки дар онҳо механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ самаранокии раванди худшуурнокии наврасро таъмин менамояд.

Бо баробари муваффақиятҳо дар автореферат каме норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ҳадафи таҳқиқот бояд бо равшанӣ ва мушаххасият муайян шавад. Зарур аст, ки дар мавриди ҳадафи таҳқиқот таъкид шавад, ки чӣ гуна усулҳои гуманизатсия метавонад ба ташаккули муносибатҳои байнишахсии наврасон таъсир расонад.
2. Бояд тавозуни байни назария ва таҷрибаи амалии таҳқиқот дар автореферат таъмин нагардидааст. Хуб мешуд қисматҳои назариявӣ баъзан аз таҳлили маводҳои амалии муосир мустаҳкам мешудаанд.
3. Дар автореферат методҳои таҳқиқот нокифоя тавсиф шудааст. Бояд равишҳои илман асоснокшудаи таҳқиқоти равонӣ ва иҷтимоӣ пурратар инъикис меёфт.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилӣ шакл гирифта, дар доираи назарияи илми психологияи кишвар, ки фарогири масъалаи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ мебошанд ва дар рушди илми психология саҳми босазо гузошта метавонанд.

Автореферати диссертатсия бо сохтори амиқ ва мантиқан дуруст будани гузоришот фарқ мекунад. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва замимаҳо иборат буда, он дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-тадққотӣ бо риоя намудани меъёру муқарраротҳо, талаботҳои пешниҳодгардида дуруст ва босифат иҷро карда шудааст. Муаллиф дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда барномаи рушддиҳандаеро таҳия кардааст, ки амалинамоии он зарурат ва самаранокии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро дар синни наврасӣ асоснок менамояд. Автореферат ва маводи  интишоротии муҳаққиқ вобаста ба мавзуи таҳқиқ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро пурра ифода мекунад.

Хулоса, қобили қайд аст, ки диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар рушди илмҳои психологӣ-педагогӣ саҳми арзишманд дорад. Натиҷаҳои дар таҳқиқот бадастоварда барои мутахассисон, кормандони соҳаи мутобиқшавии психологӣ ва гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасон аҳаммияти калони амалӣ доранд.

Диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» ба талаботҳои низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ

пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессор мудири
кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти
кибериии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Ф. Файзализода

«10» феврали соли 2025

Суроға: 734003, ҶТ, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
АИДНПҶТ, Тел: (+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22.
E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.